Бонк

ШАРТНОМА №1-06/26

Оид ба таҳия ва татбиқи барномаи Бонкинги Мобилӣ

ш.Душанбе «2» июни соли 2026.

Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди "Финтех Инноватсия" (минбаъд «Иҷрокунанда») дар шахсияти директори ҷамъият Сайдуллаев Фарход Абдуазизович, ки дар асоси Оиннома амал мекунад ва Корхонаи воҳиди давлатии БССТ «Саноатсодиротбонк», (минбаъд «Фармоишгар») дар шахсияти раиси Раёсати Бонк Бобозода Ҳокимшоҳ Ҷурахон, ки дар асоси Оиннома амал мекунад (дар якҷоягӣ «Тарафҳо» номида мешаванд), Шартномаи мазкурро (минбаъд Шартнома) бо шартҳои зерин ба имзо расониданд:

1. Мавзӯъи Шартнома

1.1. Шартномаи мазкур муносибатҳои тарафҳоро вобаста ба иҷрои корҳои оид ба дар таҳрири нав бо истифода аз технологияҳои муосир коркард, такмил, таҷдид ва васеъсозии функсионалии замимабарномаи Бонкинги Мобилиро танзим намуда, ҳуқуқу ӯҳдадориҳои тарафҳоро дар раванди иҷрои корҳои мазкур муайян менамояд.

1.2. Иҷрокунанда ӯҳдадор аст ҳамаи корҳои барномавӣ-технологиро оид ба азнавсозӣ, такмил, таҷдид, муосиргардонӣ, ва васеъкунии функсионалии Барномаи Мобилӣ, хизматрасониҳои машвратӣ-технологӣ (ислоҳкунии хатогиҳои барномавӣ, тарҳрезӣ ва амалисозии иловаимкониятҳои барномавӣ, нусхагирии эҳтиётии манбаҳои маълумот, барқарорсозии манбаи маълумотҳо дар ҳолатҳои садамавӣ, роҳбаладии технологӣ-барномавии ҳолати кории низоми идоракунии манбаи маълумотҳо, татбиқи чораҳои ҳифзи маълумот ва мутобиқсозии пойгоҳҳои маъмурӣ-техникӣ (минбаъд "Корҳо") иҷро намояд ва Фармоишгар ӯҳдадор мешавад, ки корҳоро қабул кунад ва пардохти онҳоро бо тартиби муқаррранамудаи ҳамин Шартнома анҷом диҳад.

1.3. Хизматрасонӣ пас аз имзо шудани Санади иҷрои корҳо аз ҷониби намояндагони Тарафҳо, ба таври дахлдор иҷрошуда ҳисобида мешавад.

1.4. Иҷрокунанда ӯҳдадор мешавад, ки корҳои пешбининамудаи Шартномаи мазкурро мутобиқи талаботҳои Протоколи Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон №574004 аз 21 майи соли 2026, Супоришномаи техникии Фармоишгар дар бораи таҳия ва тадбиқи барномаи бонки мобилӣ дар таҳрири нав ва ҳамгирой намудани он бо дигар низомҳои барномавии КВД БССТ "Саноатсодиротбонк"аз 5 феврали соли 2026 ва дигар шартҳои мувофиқашуда, дар муҳлати 250 (дусаду панҷоҳ) рӯзи тақвимӣ аз рӯзи ба имзо расидани Шартнома анҷом диҳад.

1.5. Муҳлати кафолат 12 (дувоздаҳ) моҳро пас аз қабул ва ба истифода додани натиҷаи Корҳо ташкил медиҳад. Дар давраи кафолат бартараф намудани камбудиҳои ошкоршуда ва ворид намудани тағйиру иловаҳои зарурӣ аз ҷониби Иҷрокунанда ройгон анҷом дода мешавад

2.Ҳуқуқ ва ӯҳдадории тарафҳо

Иҷрокунанда ҳуқуқ дорад:

2.1. Корҳоро пеш аз мӯҳлат ба анҷом расонад. Пас аз пурра ба субот расонидани корҳо пардохти маблағи боқимондаро аз Фармоишгар талаб кунад.

2.2. Иҷрокунанда ӯҳдадор аст корҳоро саривақт ва бо сифат мутобиқи номгӯи Замимаи

2 Шартномаи мазкур ва Супоришномаи техникии Фармоишгар иҷро намояд.
2.3. Дарҳол Фармоишгарро дар бораи имконнопазирии иҷрои корҳо дар мӯҳлатҳои мувофиқашуда огоҳ намояд, дар чунин огоҳинома, Иҷрокунанда сабабҳо ва пешниҳодҳоро оид ба тагйир додани мӯҳлати Корҳо нишон медиҳад.
2.4. Ба Фармоишгар дар бораи ҳама ҳолатҳое, ки ба раванди иҷрои Корҳо таъсир мерасонанд, хабар диҳад.
2.5. Маълумоти тиҷоратӣ, молиявӣ, техникӣ ва дигар маълумотро, ки ҳангоми иҷрои Шартномаи мазкур маълум гаштааст, ба шахсони сеюм бе розигии Фармоишгар ошкор накунад.
2.6. Иҷрокунанда ӯҳдадор аст ба Фармоишгар хароҷотеро, ки Фармоишгар метавонад дар робита бо вайрон кардани ҳуқуқҳои ашхоси сеюм ба объектҳои моликияти зеҳнӣ (дар доираи ин Шартнома) ба амал орад, ҷуброн кунад.

Фармоишгар ҳуқуқ дорад:
2.7. Аз Иҷрокунанда иҷрои кори босифатро талаб намояд.
2.8. Дар ҳолати аз ҷониби Иҷрокунанда иҷро нашудан ё иҷрои номатлуби ӯҳдадориҳои шартномавӣ, пеш аз мӯҳлат Шартномаро бекор намояд, бо минбаъд талаб намудани ҷуброни зарар, хароҷот ва манфиати аз дастрафта дар доираи Шартнома.
2.9. Фармоишгар ӯҳдадор аст ба Иҷрокунанда иттилоот ва фармоишҳои дахлдорро, ки барои иҷрои вазифа ва шартҳои Шартнома заруранд пешниҳод намояд. Дар ҳолати пешниҳод накардани маводҳои дахлдор аз ҷониби хавфи иҷрои нокифоя ё нодурусти супориш, ки дар натиҷаи набудани итттилоот дар ихтиёри Иҷрокунанда ба вуҷуд меоянд, бар дӯши Фармоишгар аст.
2.10. Шахсони масъулро барои ҳамкорӣ бо Иҷрокунанда ва мутахассисони ӯ оид ба масъалаҳои марбут ба иҷрои Корҳо таъин кунад.
2.11. Иҷрокунандаро сари вақт оид ба зарурати тағйир додани тахассус ва ё шумораи мутахассисон огоҳ намояд.
2.12. Иҷрокунандаро дар бораи ҳама ҳолатҳое, ки ба раванди иҷрои кор таъсир мерасонанд, огоҳ созад.
2.13. Мувофиқи шартҳои ин Шартнома дар ҳаҷми 50% пешпардохт ва боқимондаи маблағро пас аз иҷрои Корҳо пардохт кунад.

3. Қабули Корҳо

3.1. Баъд аз иҷрои пурраи Корҳо Иҷрокунанда дар бораи ба итмом расидани корҳо Фармоишгарро огоҳ месозад, дар навбати худ Фармоишгар тағйиротҳо ва навгониҳои барномавии вориднамудаи Иҷрокунандаро месанҷад ва дар ҳолати зарурӣ оид ба анҷом додани корҳои такмилдиҳӣ ба мутахассиси ваколатдори Иҷрокунанда хабар медиҳад. Ҳама корҳо дар мӯҳлатҳое, ки байни Тарафҳо мувофиқа шудааанд, анҷом дода мешаванд ва аз натиҷааш санадҳои марҳилавӣ таҳия карда мешаванд.
3.2. Иҷрокунанда на дертар аз 10 (даҳ) рӯзи кории пас аз ба итмом расонидани Корҳо,

ба Фармоишгар санади қабулро (минбаъд Санад), ки тарафи ӯ имзо шудааст, пешниҳод мекунад.
3.3. Фармоишгар ӯҳдадор мешавад, ки дар давоми 10 (даҳ) рӯзи корӣ Санади манзур намудани Фармоишгарро имзо кунад ё радномаи хаттиро оид ба имзо нанамудани он бо рӯйхати камбудиҳои ошкоршуда пешниҳод намояд.
3.4. Дар сурати ради асосноки Фармоишгар аз қабули Корҳо ва имзо накардани Санад, Иҷрокунанда ӯҳдадор мешавад, ки чунин раддияро дар муддати 10 (даҳ) рӯзи корӣ баррасӣ намуда, дар бораи асоснокии он қарор қабул кунад. Агар асоснокии чунин раддия эътироф карда шавад, Иҷрокунанда ӯҳдадор аст, ки камбудиҳои нишондодаи Фармоишгарро бе илова кардани вақт барои рафъи камбудиҳо, ислоҳ намояд. Агар Иҷрокунанда радди асосноки Фармоишгарро ҳамчун беасос эътироф кунад, Тарафҳо ихтилофи назарро, тибқи тартиби дар банди 8 хамин Шартнома пешбини шуда, ҳал мекунанд.
3.5. Агар дар давоми 10 (даҳ) рӯзи корӣ баъди санаи аз Иҷрокунанда гирифтани Санад, Фармоишгар Санади имзошуда ё радди асоснокро оиди имзо накардан ба Иҷрокунанда нафиристад, корҳо ба анҷом расонидашуда ҳисобида мешавад ва ӯҳдадориҳои Фармоишгар оид ба пардохт, бояд мавриди иҷро қарор гиранд.

4. Арзиши хизматрасонӣ ва тартиби ҳисоббаробаркунӣ:
4.1. Усули пардохт: пардохт тибқи Шартнома №1-06/26 «Оид ба таҳия ва татбиқи барномаи Бонкинги Мобилӣ» амалӣ гардида, маблаги умумии пардохт 3 360 000 (се миллиону сесаду шаст ҳазор) сомониро ташкил медиҳад.
4.2. Арзиши хизматрасонӣ барои тамоми мӯҳлати иҷрои Шартнома ба назардошти ҳама хароҷотҳои Иҷрокунада муайян карда шуда, аз ҷумла хароҷотҳои андозӣ, боҷҳо ва дигар пардохтҳои ҳатмиро дар бар мегирад.
4.3. Пардохти маблаг тибқи Шартномаи мазкур, бо чунин тартиб амалӣ карда мешавад, дар марҳилаи якум Фармошгар 50 % (панҷоҳ) фоизи арзиши умумии Шартномаро ба майлаги 1 680 000,00 (як миллиону шашсаду ҳаштод ҳазор) сомонӣ бо назардошти тамоми андозҳо дар давоми 5 (панҷ) рӯзи бонкӣ пас аз ба имзо расидани Шартномаи мазкур ва пешниҳод намудани ҳисобнома-фактура барои пардохт, ба Иҷрокунанда пешпардохт менамояд.
4.4. Пардохти боқимонда 50% маблаги Шартномаи мазкур, бо назардошти тамоми андозҳо, пас аз ба итмом расидани Корҳо амалӣ мегардад
4.5. Маблаҳо ба таври ғайринақдӣ дар асоси ҳисобнома-фактура барои пардохт, ки аз тарафи Иҷрокунанда пешниҳод мегардад, пардохт карда мешаванд.

5. Масъулияти тарафҳо

5.1. Барои иҷро накардан ё иҷрои номатлуби шартҳои Шартнома тарафҳо мутобиқи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгар ҳастанд.

5.2. Дар сурати ба кашолкорӣ роҳ додан ва ба таъхир гузоштани иҷрои хизматрасонӣ, Иҷрокунанда ба Фармоишгар ҷаримаи аҳдшиканӣ дар ҳаҷми 1 % (як фоиз) аз арзиши умумии ҳаққи хизматрасонӣ, барои ҳар як рӯзи батаъхир афтода, пардохт менамояд.

5.3.Баъд аз кабули корҳои баанҷомрасида (баъд аз имзо шудани Санади иҷроиши корҳо), Фармоишгар ҳуқуқ дорад, ба кодҳои барнома тағйирот дорорад.

5.4. Тарафҳо уҳдадоранд, ки талаботҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистонрооид ба мубориза бар зидди коррупсияро бе чунну чаро риоя намояд. Тарафҳо огоҳ ҳастанд ва тасдиқ менамоянд, ки барои содир намудани кирдорҳои коррупсионӣ ҷавобгариҳои ҷиноятӣ, маъмурӣ, маданӣ ва интизомӣ вуҷуд дорад.

5.5. Ҳар як тарафи шартномаи мазкур кафолат ва тасдиқ менамояд, ки на худи тараф, на роҳбарият ва ё кормандон ва дигар шахсони масъули онҳо бо мақсади бастани шартнома ва амали он, маблағҳои пулӣ, коғазҳои қиматнок, ягон намуди имтиёз ва ё дигар намуди молҳои арзишнок пешниҳод/талаб/ваъда надодаанд. Тарафҳо дар давоми амали шартномаи мазкур ва баъд аз он ҳам уҳдадоранд чораҳои заруриро барои содир нашудани кирдорҳои коррупсионӣ андешанд.

5.6. Дар ҳолати аз ҷониби яке аз Тараф вайроншудани талаботи дар боло қайдшуда Тарафи дигар ҳуқуқи яктарафа қатъ намудани шартномаро дорад.

5.7. Тарафҳо барои қисман ё пурра иҷро накардани уҳдадориҳои Шартномаи мазкур аз ҷавобгари озод карда мешаванд, агар сабаби иҷро нагардидани он ҳолатҳои фавқуллода (сӯхтор, обхезӣ, зилзила ва дигар ҳодисаҳои табиат, амалиётҳои ҷангӣ ва ғайра) бошад.

5.8. Тарафе, ки бинобар рух додани ҳодисаҳои дар боло зикр шуда имкони аз уҳдаи Шартномаи мазкур баромаданро надорад, ҳатман на дертар аз 1 рӯзи тақвимӣ аз лаҳзаи рух додани ҳодиса ба тарафи дигар хабар диҳад.

5.9. Дар ин маврид муҳлати иҷрои уҳдадориҳо ба муддати давомнокии ин ҳолатҳо ба таъхир гузошта мешавад.

6. Ҳолатҳои рафънопазир (Форс мажор)

6.1.Тарафҳо аз иҷрои қисман ё пурраи ӯҳдадориҳо тибқи Шартномаи мазкур озод мегарданд, агар иҷро нашудан дар натиҷаи ҳолатҳои/вазъиятҳои қувваи бартарафнашаванда (форс мажор) аз қабили заминларза, обхезӣ, дигар офатҳои табиӣ, бетартибиҳои оммавӣ, корпартоӣ, эпидемия, дигар ҳодисаҳои хусусияти фавқулода дошта, ки Тарафҳо онҳоро бо чораҳои қобили қабул пешбинӣ ва пешгирӣ карда наметавонистанд.

6.2.Тарафе, ки ба вазъиятҳои қувваи бартарафнашаванда истинод менамояд, ӯҳдадор мешавад, дар бораи фаро расидани чунин ҳолатҳо Тарафи муқобилро тариқи хаттӣ огоҳ намояд.

6.3.Мӯҳлати иҷрои ӯҳдадориҳо мутобиқи Шартномаи мазкур, мутаносибан ба мӯҳлати давомнокии ҳолатҳои қувваи бартарафнашаванда дошта ва оқибатҳои он, ба таъхир гузошта мешаванд.

6.4.Тарафе, ки ӯҳдадориҳои худро иҷро накард ва ба Тарафи дигар оид ба вуқӯъ пайвастани ҳолатҳои фавқулода, хабар нарасонд, ҳуқуқи истинод кардан ба онро надорад.

7. Риоя намудани махфият

7.1. Дар давоми муҳлати амали Шартномаи мазкур ва баъди қатъ гардидани он, ҳар як Тараф ҳамаи маълумотеро, ки дар ҷараёни иҷрои Шартномаи мазкур қабул намудааст, ҳамчун маълумоти махфӣ баррасӣ намуда, ҳифз менамояд.

7.2. Зери мафҳуми иттилооти махфӣ тамоми маълумотҳои ҳозира ва ояндаи техникӣ, технологӣ, илмӣ-техникӣ, молиявӣ, иқтисодӣ, ташкилӣ, расмӣ, оморӣ, ҳуқуқӣ, ҷадвалҳо, нақшаҳо, маҳсулот, нархномаҳо, ҳуҷҷатҳо, воситаҳо ва усулҳои коркард, такмил ва истифодаи таъминоти барномавӣ, тарҳҳои шабакавӣ, алгоритмҳо, вазифаҳо, ҳалли техникӣ, пойгоҳҳои додаҳо, низомҳои иттилоотӣ, инчунин дигар маълумотҳои махфӣ ва инфиродии Тарафи ошкоркунанда фаҳмида мешаванд, ки аз ҷониби Тарафи қабулкунанда дар шакли хаттӣ, шифоҳӣ, электронӣ, графикӣ, чопӣ ё дигар шакл ва дар ҳама гуна ҳомили иттилоотӣ дастрас гардидаанд.

7.3. Ба иттилооти махфӣ инчунин маълумоте дохил мешавад, ки сирри бонкӣ ва тиҷоратиро ташкил медиҳад. Зери чунин маълумот ҳар гуна маълумоти илмӣ-техникӣ, технологӣ, истеҳсолӣ, иқтисодӣ, молиявӣ ва дигар маълумоте фаҳмида мешавад, ки дорои арзиши воқеӣ ё эҳтимолии тиҷоратӣ буда, ба шахсони сеюм маълум нест, дастрасии озод ба он тибқи қонунгузорӣ маҳдуд гардидааст ва барои ҳифзи махфияти он чораҳои дахлдор андешида мешаванд.

7.4. Ба маълумоте, ки сирри бонкӣ ва тиҷоратиро ташкил медиҳад, аз ҷумла, вале на танҳо, маълумотҳои зерин дохил мешаванд:

- маълумот дар бораи мавҷудият, бақия ва ҳаракати маблағҳои пулӣ ва соҳибони онҳо;
- маълумот дар бораи рақамҳои суратҳисобҳои мизоҷон, амонатгузорон ва дигар муштариёни Бонк;
- маълумот дар бораи амалиётҳои бонкӣ, пардохтҳо, интиқолҳо ва транзаксияҳои анҷомдодашуда;
- маълумот дар бораи маблағҳо ва гардиши онҳо дар ҳамёнҳои электронии муштариён;
- маълумотҳое, ки муштариён махфӣ нигоҳ доштани онҳоро талаб менамоянд;
- маълумот дар бораи сохтор, таркиб ва таҷҳизоти моддию техникии низомҳои амниятии Бонк;
- маълумот дар бораи серверҳо, шабакаҳои компютерӣ, тартиби дастрасӣ ва низомҳои назорат;
- маълумот дар бораи таъминоти барномавӣ, технологияҳои истифодашаванда ва хусусиятҳои истифодаи онҳо;
- маълумот дар бораи тартиб ва ҳолати ташкили ҳифзи сирри бонкӣ ва тиҷоратӣ;

- маълумоти шахсии кормандони Бонк;
- дигар маълумоте, ки Тарафи қабулкунанда ҳангоми иҷрои Шартномаи мазкур ба он дастрасӣ пайдо менамояд.

7.5. Ба иттилооти махфӣ дохил намешаванд:

- маълумоте, ки барои омма дастрас мебошад;
- маълумоте, ки бе вайрон намудани ӯҳдадориҳои Тарафи қабулкунанда ба омма маълум гардидааст;
- маълумоте, ки то гирифтани он аз Тарафи ошкоркунанда қонунан дар ихтиёри Тарафи қабулкунанда қарор дошт;
- маълумоте, ки тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд ҳатман ошкор карда шавад.

7.6. Ҳар як Тараф ӯҳдадор аст иттилооти махфиро танҳо бо мақсади иҷрои ӯҳдадориҳои пешбининамудаи Шартномаи мазкур истифода намуда, тамоми чораҳои зарурии ташкилию техникӣ ва ҳуқуқиро барои пешгирии ошкоршавӣ, дастрасии беиҷозат, гумшавӣ, нобудшавӣ, тағйирёбӣ ё истифодаи ғайриқонунии он андешад.

7.7. Тарафҳо ӯҳдадор мешаванд, ки бе розигии хаттии пешакии Тарафи дигар иттилооти махфӣ, аз ҷумла маълумоти дорои сирри бонкӣ ва тиҷоратиро ба шахсони сеюм пешниҳод накарда, онро ба тариқи дигар паҳн накунанд, ба истисноии ҳолатҳое, ки чунин ӯҳдадорӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ гардидааст.

7.8. Тарафҳо вазифадоранд дастнорасии иттилооти махфиро барои шахсони сеюм таъмин намуда, танҳо ба он кормандон ё намояндагони худ дастрасӣ диҳанд, ки барои иҷрои уҳдадориҳои вобаста ба Шартномаи мазкур ба чунин маълумот эҳтиёҷ доранд.

7.9. Ҳама гуна ҳуҷҷатҳо, маълумотҳо, ҳисоботҳо, коркардҳо, таҳлилҳо, натиҷаҳои коркарди маълумот ва дигар маводҳое, ки дар асоси иттилооти махфӣ таҳия шудаанд, низ ҳамчун иттилооти махфӣ ва дорои сирри бонкӣ ва тиҷоратӣ эътироф карда мешаванд.

7.10. Иттилооти махфӣ метавонад дар шакли шифоҳӣ, хаттӣ, электронӣ, тавассути почтаи электронӣ, воситаҳои алоқа, ҳомилҳои электронӣ, ҳуҷҷатҳо, аксҳо, сабтҳои аудиоӣ ва видеоӣ ё дигар шаклҳо пешниҳод гардад ва новобаста аз шакли пешниҳоди он таҳти ҳимояи боби мазкур қарор мегирад.

7.11. Ӯҳдадориҳои Тарафҳо оид ба риоя ва ҳифзи махфияти иттилоот дар тамоми муҳлати амали Шартномаи мазкур ва дар давоми 5 (панҷ) сол пас аз қатъ гардидани он эътибор доранд, агар муҳлати бештар аз ҷониби қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ё созишномаи алоҳидаи Тарафҳо муқаррар нашуда бошад.

8. Тартиби ҳалли баҳсҳо

7.1.Тарафҳо кӯшиш ба харҷ медиҳанд, то ҳамагуна баҳсҳои эҳтимолии аз шартномаи мазкур баромадаро тариқи гуфтушунид ҳал намоянд. Мӯҳлати ҷавоб ба эътироз 15 рӯзи тақвимиро ташкил медиҳад.

7.2.Баҳсҳое, ки тариқи гуфтушунид ба танзим дароварда нашудаанд, мутобиқи

қонунгузори ҷории Ҷумҳурии Тоҷикистон барои баррасӣ ба мақомоти судӣ супорида мешаванд.

9. Мӯҳлати эътибор

9.1. Шартномаи мазкур аз лаҳзаи ба имзо расидани он эътибори ҳуқуқӣ пайдо карда, то пурра иҷро шудани ӯҳдадориҳои тарафҳо тибқи шартҳои Шартнома амал менамояд.
9.2. Тарафҳо ҳуқуқ доранд иҷрои ин Шартномаро яктарафа бо огоҳ кардани тарафи дигар дар ин бора қатъ кунад. Дар ин ҳолат, Шартнома аз лаҳзаи гирифтани огоҳиномаи дахлдор и Тараф қатъшуда ҳисобида мешавад.
9.3. Қатъи Шартнома Тарафҳоро аз иҷрои ӯҳдадориҳои иҷронашудае, ки дар давраи он ба миён омадаанд, озод намекунад.
9.4. Муносибатҳои ба Шартнома ба танзим дароварда нашуда тибқи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба танзим дароварда мешаванд.

10. Дигар шартҳо

10.1.Ҳамагуна тағйироту иловаҳо ба Шартнома бояд дар шакли хаттӣ ва бо имзои Тарафҳо тартиб дода шаванд.
10.2. Ҳамагуна гуфтугузор ва мукотибаҳои қаблии марбут ба мавзӯъи Шартномаи мазкур қувваи қонунии худро аз лаҳзаи баимзорасонии Шартномаи мазкур худро гум мекунанд.
10.3. Шартномаи мазкур дар 3 (се) нусха якнусхагӣ барои ҳар як тараф ва як нусха ба Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиб дода шудааст. Ҳар се нусха дорои қувваи қонунии якхела мебошанд.
10.4. Замима 1 Шартномаи мазкур, Протокол ва Супоришномаи техникӣ ба қисми ҷудонашавандаи ин Шартнома мебошанд.

11. Нишонаҳои бонкӣ ва суроғаи тарафҳо

Иҷрокунанда:	**Фармоишгар:**
ҶДММ «Финтех Инноватсия»	КВД БССТ “Саноатсодиротбонк”
ш.Хуҷанд, микронохияи 20,	Суроға: ш. Душанбе, хиёбони
бинои КВДК Кохи Матбуот, ошёнаи 9	С. Шерозӣ 21
РМА 510047329	РМА 020039715
КВД БССТ «Саноатсодиротбонк»	БИК 350101655
с/ҳ.: 20202972820055300001	Ҳисоб 20402972016551
сҳ/м: 20402972016551	
БИК 350101655	
Директори ҷамъият	Раиси Раёсат
Сайдуллаев Ф. _____	Бобозода Ҳ.Ч. _____

Бонк

Замимаи 1 ба Шартномаи №1-06/26
аз «8» июни соли 2026.

Номгӯи модулҳо ва корҳо.

1. Ҳисобҳои шахсони ҳуқуқӣ дар Бонкинги мобили - Пайваст кардани ҳисоб тавассути Интернет бонк - Инъикоси ҳисобҳо дар МВ - Нишон додани бақияи суратҳисоб - Иқтибосро нишон додан - Огоҳинома ҳангоми гирифтан ва кабули маблаг - Тасдиқи пардохт
2. SMS-огоҳиҳо тавассути Telegram - Ҳамгироии бо САБ - Таҳияи интерфейс
3. PIN-коди корти худро тавассути барнома иваз/аз нав кардан - Иваз кардани рамзи PIN барои Корти Милли - Иваз кардани рамзи PIN барои корти Visa
4. Эквайринг - Пардохтҳои мағозаҳо тавассути ССБ - Интерфейси веби бонк - API барои эҷоди фармоиш барои пардохт - API-и санҷиши вазъи пардохт - Эҷоди логин барои мерчант - Эҷоди транзаксия - SMS ва огоҳиномаҳои push ба муштарӣ - Хисоботхо
5. Барномаи вафодорӣ (холҳо, бонусҳо, баргардонидани пул) - Ҳисобкунии бонус - Интиқоли пули нақд ба ҳамён
6. Маслиҳатҳои интерактивӣ (қадамҳои аввал)
7. Пайвасти автоматии корт - Интегратсияи Корти Милли
8. Пур кардани тафсилоти пардохт бо истифода аз сканкунии корт
9. Интегратсия байни ҳамёнҳои ICB ва ССБ

10. Интегратсия байни ҳамёнҳои IBT ва ССБ
11. Ҳамгирой байни ҳамёнҳои Имон Интернешнл
12. Ҳамгирой байни ҳамёнҳои Тавҳидбонк ва ССБ
13.Интегратсия байни ҳамёнҳои АктивБонк ва ССБ
14. Интегратсия байни ҳамёнҳои ВаслБонк ва ССБ
15. Ҳамгироии Payvand
16. Google Pay - Машварат оид ба татбиқи функсияҳо бо намояндаҳои Google Pay ва омӯзиш ба кормандони Бонк - Таҳияи интерфейс - Таҳия ва ҳамгироии API
17. Ҳамгироии Ориенбонк ва ССБ
18. Ҳамгироии Спитаменбонк ва ССБ
19. Пайваст кардани шиносномаҳои муштариён ба маҳсулот -Таҳияи интерфейсҳо барои боргузории расмхо - Панели маъмурӣ барои намоиши ҳуҷҷатҳо
20. Интегратсияи истгоҳи Grasen, Eco Taxi - Таҳияи интерфейси пардохт - Санҷиши кори калонкахо, истгоҳ - Ҳамгирой бо Exo Taxi - Раванди пуркунӣ ва намоиши ҳолат
21. Бозгашти амалиёти IFT -Таҳияи усули баргардонидани пардохтҳои бонк -Таҳияи усули баргардонидани маблағ аз дигар бонкҳо
22. Ядрои бонкдории мобилӣ -Интерфейси кории маъмур (веб) -Ҳамёни мобилӣ бо дастгирии офлайнӣ (оғозёбии зудтар) -Бақайдгирии онлайн бо имконоти гуногун (тавассути почтаи электронӣ, тавассути корти пардохтии додашуда, тавассути рақами телефон) -Мушаххаскунии фосилави -Аниматсия ҳангоми ворид шудан ба барнома бо намоиши маълумоти гуногун -Интиқоли интеллектуалӣ

-Фардикунонии интерфейс (интихоби инфиродии виджетҳои экрани асосӣ) -Пардохтҳо ва интиқолҳо; -Амалиётҳо аз суратҳисоб ва гирифтани пули нақд -Шаблонҳо ва дӯстдоштаҳо; -Пардохтҳои худкор -Танзимот -Намоишгоҳ -Таҳлил ва гузоришҳо (хароҷот дар шакли диаграммаҳои гуногун)
23. Восита барои пешниҳодҳои бонкҳои инфиродӣ ба мизоҷон -Таҳияи интерфейси пешниҳоди бонк -Арзёбӣ ва коркарди муомилоти муштариён
24 Қарзи онлайн -Ҳисобкунаки қарз -Ариза барои гирифтани қарз -Нишон додани шартҳои карз -Кушодани қарз (ҳамгироии САБ)
25. Пасандози онлайн -Ҳисобкунаки пасандоз -Нишон додани шартҳои шартномаи пасандоз -Кушодани ҳисоб (ҳамгироии САБ) -Кушодани пасандоз (ҳамгироии САБ)
26. Амалиётҳои кортӣ -Пайваст кардани кортҳо, интиқоли маблағ аз як корт ба корти дигар - санҷиши бақияи P2P, таърихи муомилоти корт -Ариза барои гирифтани корт -Эҷоди корти виртуалӣ -Ҳамгирой бо Корти Миллӣ ва Спитаменбонк
27. Қабул ва фиристодани интиқол -Таҳияи интерфейс барои дархостҳои интикол -Ҳамгироии транзаксияи Интикол бо САБ -Ҳамгирой бо системаҳои Интикол ва САБ
28. Кешбек

-Ташкили суратҳисоби бонусии алоҳида -Таҳияи интерфейс барои таблиғот ва кешбек
29. Таҳияи тарроҳии барнома - Ҳамоҳангсозии консепсияи тарроҳӣ -Таҳияи тарроҳии мавзӯи сиёҳ -Таҳияи тарҳҳои интерфейси шаклҳои пардохт -Таҳияи тарҳрезӣ барои даромадгоҳ ва интерфейси асосӣ -Таҳияи тарҳрезӣ модули корт -Таҳияи тарҳрезӣ модулҳои карзи -Таҳияи тарҳрезӣ модули амонати -Таҳияи тарроҳӣ барои хабарҳо ва огоҳиҳо
30. Google Authenticator -Таҳияи интерфейс -Ҳамгирой бо хидматҳои Google
31. VISA Direct
32. Интегратсияи биллинги ССБ -Танзимоти хидматрасонӣ -Амалисозии хизматрасонии шахси ҳуқуқии бонк

НИШОНИИ ТАРАФҲО

Иҷрокунанда	Фармоишгар:
ҶДММ «Финтех Инноватсия»	КВД БССТ “Саноатсодиротбонк”
Директори ҷмъият	Раиси Раёсат
Сайдуллаев Ф. _____	Бобозода Х.Ч. _____